**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи илмии Фаттона Бадахш дар мавзӯи "Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ), ки аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология пешниҳод гардидааст.**

**Душанбе, 2020.-24 саҳ.**

Таҳқиқу баррасӣ ва таҳлили муқоисавии осори адибони ҳамзабон ҷузъи вазифаҳои адабиётшиносӣ буда, заминаро барои рушди ҳамкориҳои адабию фарҳангӣ фароҳам хоҳад кард. Беш аз як аср ба далели тағйири хат ва қарор гирифтани Тоҷикистону Афғонистон дар блокҳои мухолифи сиёсӣ, робитаҳи адабию фарҳангӣ низ камранг шуданд ва дастрасии муҳаққиқон ва хонандагон ба осори адибони ҳамзабон дар ду кишвар ба мушкил гирифтор гардид. Аз тарафи дигар, дар ин сад соли гузашта дар ҷарёни рушди равандҳои адабӣ дигаргуниҳое ба вуҷуд омад, ки ин тағйирот камтар мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Инак, бо касби истиқлоли Тоҷикистон майли пажӯҳишгарони ду кишвари ҳамзабон-Тоҷикистону Афғонистон барои таҳқиқу таҳлили муқоисавии равандҳо ва падидаҳои адабӣ ва умумияту фарқияти онҳо бештар шуда, роҳро барои шинохти бештари дигаргуниҳои адабӣ дар ҳар ду кишвар ҳамвор кардааст. Таҳлилу таҳқиқи ин гуна мавзӯҳо ва муайян намудани қонунҳои инкишофи адабиёти тоҷик дар кишварҳои минтақа ва ҳамзабон аз дастовардҳои замони муосир буда, барои тақвияти илми адабиётшиносии тоҷик мусоидат хоҳад кард. Диссертатсияи илмии Фаттона Бадахш бо номи "Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ" (таҳқиқи қиёсӣ) дар ҳамин росто навишта шуда, даричаи наве барои шинохти адабиёти тоҷик дар ду сӯи руди Омӯ боз хоҳад кард.

Дар дасти мо автореферат (фишурда)-и диссертатсияи унвонҷӯ Фаттона Бадахш қарор дорад, ки муҳтаво ва мазмуни асосии кори пешниҳодшударо муаррифӣ мекунад. Бинобар иттилои автореферат,

диссертатсияи илмӣ аз муқаддима, се боб, хулоса ва китобнома иборат буда, бо талаботи корҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

Унвонҷӯ дар мисоли ду шоири номовари нимаи дуюми асри XX дар Тоҷикистону Афғонистон ҷанбаҳои муштарак ва фарқиятҳои мавҷуд дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтариро ошкор намуда, ба хулосаҳои ҷолибе даст ёфтааст. Дар диссертатсия масъалаи ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ, мақом зан, анвои шеърӣ, шабоҳатҳо ва тафовутҳои сохторӣ ва ғоявӣ, ҷойгоҳи ғазал, достон ва таҳаввули сохтории он, символизм, тарзи баён ва таҳқиқи қиёсии ҳунари шоирии Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ пардохта шуда, монандӣ ва фарқият дар осори ин ду шоири тавоно мавриди пажӯҳиш қарор гирифтааст. Унвонҷӯ пас аз таҳқиқу таҳлили муқоисавии осори ин ду шоир дуруст ба ин натиҷа расидааст, ки сарфи назар аз тафовутҳои сохторӣ ва қолабҳои шеърие, ки онҳо барои баёни афкори худ ба кор гирифтаанд, дар маҷмӯъ осори ин ду шоир аз як сарчашма маншаъ гирифтааст. Ҳар ду шоир аз пешгомони ҷараёни навгароӣ дар шеъри муосири Тоҷикистону Афғонистон буда, бо суннатшиканӣ дар сохтор, навоварӣ дар қолабу маъно, ривоятгарӣ, тасвиргароӣ ва тақвияти нигариши фалсафӣ дар шеър, таҳаввули тозае дар шеъри муосир эҷод кардаанд.

Хулосаҳои диссертатсия, ки низ дар автореферат инъикос ёфтаанд, пурра ҷавобгӯйи масъалаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда мебошанд. Бо ин васф, чанд нукта баъд аз мутолиаи автореферат ба чашм расид, ки ислоҳи онҳо ба нафъи кор хоҳад буд:

1. Дар қисмати аҳамияти мавзӯъ зикр шудааст, ки робитаҳои сиёсию фарҳангии кишварҳои ҳамзабон, бахусус Тоҷикистону Афғонистон дар асри X1 гусаста шудаанд, ки ба воқеияти таърихӣ чандон созгор нест. Қобили зикр аст, ки робитаҳои адабию фарҳангии тоҷикони ду сӯи руди Омӯ то ибтидои асри XX барқарор буда, осори эҷодшуда дар ин минтақа барои адибон қобили дастрас будааст.

2. Дар матни автореферат бархе хатоҳои имлоӣ ва техникӣ дар саҳифаҳои 4, 8, 9, 13, 14, 15 ва 16 роҳ ёфтааст, ки ниёз ба ислоҳ дорад.

3. Дар автореферат феҳристи осори истифодашуда вуҷуд надорад.

Албатта, масъалаҳои зикршуда ба ҳеч ваҷҳ арзиши илмии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд, онҳо танҳо характери маслиҳатӣ доранд ва автореферат пурра муҳтавои диссертатсияро инъикос мекунад.

Андешаҳое, ки дар натиҷаи мутолиаи автореферат пайдо гардиданд ба мо имкон медиҳанд, то диссертатсияи илмии Фаттона Бадахш дар мавзӯи “Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ” (таҳқиқи қиёсӣ) аз рӯи ихтисоси 10.01.01-Адабиёти тоҷикро ба ҳайси асари комили илмии ҷавобгӯй ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон донист ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номазади илмҳои филология дониста шавад.

Беҳрӯзи Забеҳулло Саидхоҷа
Номзади илмҳои филология, мудири шуъбаи тавсиф ва таҳияи феҳристи дастхатҳои Маркази мероси хаттии АМИТ
ш. Душанбе, кучаи Ҳусейнзода 35, тел: 93 759 25 21,
Почтаи эл.: sapeyama@mail.ru

Имзои Беҳрӯзи Забеҳуллоро тасдиқ мекунам,
нозири калони кадри Маркази мероси хаттӣ Раҷабалиев Х.

АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН * МАРКАЗИ МЕРОСИ ХАТТӢ * ШУЪБАИ КАДРҲО